**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2023. – 184 саҳ.**

Ҳар як навъи адабӣ ба таври ҷузъӣ дар инъикоси ниёзҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа саҳми арзанда мегузорад ва муҳимтарин василаи маърифатомӯзӣ ва тарбияи инсон ба шумор меравад. Жанри дубайтӣ яке аз намунаҳои куҳантарини осори завқии халқи тоҷик ҳисоб меёбад. Ин унсури бунёдини адабӣ дар қаламрави адабиёти миллӣ, бахусус дар ҳавзаи фолклор, ҷойгоҳи устуворе пайдо намудааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи навъи дубайтӣ, ки аз қадимтарин ашъори фолклорӣ (фаҳлавиёт) маншаъ мегирад, барои шинохти бештари пайвандҳои адабии адабиёти бостон, классикӣ, муосири тоҷик ва фолклор мусоидат мекунад. Таҳлилу таҳқиқи амиқу дақиқи мавзуи вижагиҳои навъи дубайтӣ, ки дар диссертатсияи Бухориев Олим Салимович - «**Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ**» анҷом шудааст, ба мо имконият медиҳад, ки дар бораи пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, хусусиятҳои мавзуӣ, сохторӣ, сабк ва воситаҳои бадеии ин жанри адабӣ маълумоти васеъ пайдо намоем.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар он хусусиятҳои асосии навъи дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ (адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик) ва гуфторӣ (фолклор) ба тафсил таҳқиқ шудаанд. Агарчи оид ба баъзе хусусиятҳои навъи дубайтӣ дар рисолаву мақола ва китобҳои илмӣ-адабӣ ишораҳо ба назар мерасанд, вале муҳаққиқони ин соҳаи илм то ҳол дар самти пажуҳиши вижагиҳои гуногуни дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ таҳқиқоти алоҳида дар шакли рисола анҷом надодаанд.

Ҷиҳати дигари мубрами мавзуи таҳқиқ ин аст, ки дар асоси пажӯҳиши анҷомшуда ҷанбаҳои муштараку фарқкунандаи навъҳои дубайтӣ ва рубоӣ

нишон дода шуданд. Навъҳои рубоӣ ва дубайтӣ дар гузашта, ба эҳтимоли қавӣ, дар асари тағйиру таҳаввули ашъори чормисраии мардумии бостонӣ – «фаҳлавиёт» ба вуҷуд омадаанд. Онҳо бо мурури замон аз ҷиҳати вазн ва баъзе ҷанбаҳои мавзуӣ бо ҳам тафовут пайдо карданд ва дар қаламрави адабиёт ба сурати навъҳои ҷудогона ҷойгоҳи худро ёфтанд.

**Навгониҳои илмии диссертатсияро** метавон ба сурати зерин баён кард:

– дар рисола нахустин бор навъи дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ ҳамчун навъи мустақили адабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– бори аввал роҷеъ ба марҳалаҳои пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, вижагиҳои мавзуӣ, сохторӣ, услуби баёну воситаҳои тасвири бадеӣ дар дубайтиҳои навишторӣ ва гуфторӣ таҳқиқоти фарогире анҷом дода шуд;

– мавқеи навъи дубайтӣ ҳамчун асилтарин намунаи мероси завқии миллати тоҷик дар фолклор ва ҷойгоҳи устувори он дар адабиёти муосири тоҷик нишон дода шуд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он ифода мeёбад, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ бо далелу бурҳонҳои муътамад ва муҳокимаҳои қиёсию хулосабарориҳои амиқи илмӣ баррасӣ шуда, маводҳои фаровони таҳлилӣ бо равишҳои муосири методологӣ таҳқиқ гардидаанд, ки бо мақсаду вазифаи пажуҳиш мувофиқати том доранд. Дар натиҷа, барои шинохти вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ пойгоҳи муносиби илмӣ фароҳам омадааст.

Дар мавриди **арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ** ҳаминро бояд қайд кард, ки маҷмуи донишҳои назарии диссертатсия дар самти арзёбии вижагиҳои навъи дубайтӣ, дар ҳалли масъалаҳои монанди адабӣ ба магистранту докторантҳои Ph.D ва дигар довталабони дараҷаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқ ва маводи илмии диссертатсия дар заминаҳои амалии зерин қобили истифодаанд: ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ оид ба фолклор ё адабиёти тоҷик, таълифи мақолаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ; таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ барои

устодон ва донишҷӯёни факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар, таҳияи китобҳои дарсӣ барои муаллимон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия мақолаҳои диссертант дар маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расида, маърузаҳои ӯ дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд. Аз он ҷумла, 4 мақолаи муаллиф дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР чоп шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб ва зербобҳои марбут, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 184 саҳифаи чопи стандартии компютериро дар бар мегирад.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуъ ва зарурати таҳқиқи он асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои дисертатсия, руйхати интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шуданд.

Боби аввали рисола – **«Таърихчаи пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули навъи дубайтӣ**” аз зербобҳои “*Пайдоиши навъи дубайтӣ*”, “*Ташаккули дубайтӣ*” ва “*Таҳаввули дубайтӣ*” иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал роҷеъ ба масъалаи пайдоиши навъи дубайтӣ таҳлилу таҳқиқи муфассал сурат гирифтааст. Аксари адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ бо иттифоқи оро навъҳои дубайтӣ ва рубоиро маҳсули завқӣ ва эҷоди зеҳнии мардумони эронитабор медонанд. Яъне ин навъҳои шеърӣ яке аз муҳимтарин дастовардҳои адабӣ ва қадимитарин шакли сурудаҳои миллии мардуми тоҷик ба шумор меравэнд. Дар ҳалли масъалаи мазкур, муаллифи рисолаи илмӣ аз андешаҳо ва таҳлилҳои муҳақиқони машҳур мисли Нотили Хонларӣ, Шафеии Кадканӣ,

Маликушшуаро Баҳор, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода ва дигарон ба таври самаранок мустафод намудааст. Ҷои зикр аст, ки зербоби мазкур то андозае раванди пайдоиши навъи шеърии дубайтиро ба таври мантиқӣ ва таърихӣ нишон дода, аз ҷумла ақидаҳои беасоси бархе аз муҳаққиқон, ки баромади онро арабӣ, туркӣ ё чинӣ гуфтаанд, бо далелҳои раднашаванда рад кардааст.

Зербоби дуюму сеюми боби аввали кор давоми мантиқии мавзуи зербоби аввал буда, онҳо ба *ташаккул ва таҳаввули навъи дубайтӣ* ихтисос дода шудаанд. Ҷои тазаккур аст, ки муаллифи диссертатсия масъалаҳои мавриди таҳлилро аз равзанаи таърих, дар заминаи мисолҳои мушаххас ва бо такя бар андешаҳои илмии муҳаққиқон анҷом додааст. Хулосаҳои таҳлили зербобҳо моҳияти аслии масъаларо ба таври илмӣ кушода ва ҷамъбаст намудаанд. Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки муаллифи рисола таҳаввули дубайтиро аз ибтидои пайдоиши он то адабиёти асри XX ва имрӯз таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки шоирони тавоное монанди Иқболи Лоҳурӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Аскар Ҳаким, Фарзона ва дигарон дар қолаби ин навъи шеърӣ руҳи тозае дамида, ҳавзаи маъноии онро бо афкори фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пур кардаанд.

Боби дуюми рисола – **«Вижагиҳои мавзуъ дар навъи дубайтӣ»** зербобҳои «*Шинохти мафҳум ва моҳияти мавзуъ*», «*Ишқ – мавзуи меҳварии дубайтӣ*», «*Ғарибӣ*», «*Муҳаббат ба ватан*» ва «*Мавзуъҳои иҷтимоӣ*»-ро дар бар мегирад.

Зербоби нахустини боби дуюм – «*Шинохти мафҳум ва моҳияти мавзуъ»* ба таҳқиқи масъалаи мафҳум ва моҳияти мавзуи асари бадеӣ бахшида шудааст ва дар асари ин баҳсу баррасӣ ҷанбаи маърифатшиносии осори адабӣ ошкор мегардад.

Чунончи аз мутолиаи муҳтавои дубайтӣ бармеояд, ин навъи осори адабӣ аз лиҳози зарфият ба мисли дигар осори манзуми калонҳаҷмтар (маснавӣ, достон ва ғайра) имкони тасвири густурдаи воқеият (ва тафсилоти даркору нодаркори он)-ро надорад, аммо дар чорчӯбаи ин қолаби хурд ба таври

асроромез тамоми ҷузъиёти ҳаёти иҷтимоӣ бо ҳама тӯфони ҳаводису туғёни ишқу отифаҳояш ғунҷидаанд.

Зербобҳои минбаъдаи диссертатсия бевосита ба таҳлили мавзуъҳои дубайтӣ бахшида шудаанд ва масъалаҳое чун *ишқ* (зербоби дуюм), *ғарибӣ,* (зербоби сеюм), *муҳаббат ба ватан* (зербоби чорум) ва *мавзуъҳои иҷтимоӣ* (зербоби панҷум) дар онҳо ба баҳси илмӣ кашида шудаанд. Ҳамаи ин масъалаҳо ва мавзуъҳо дар заминаи намунаҳои дубайтиҳо ва бо нишон додани сабабҳои зуҳури чунин мавзуъҳо дар рисолаи илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Боби сеюми рисола – **"Вижагиҳои сохтори навъи дубайтӣ"** аз зербобҳои *«Сохтор», «Вазн», «Қофия»* ва *«Радиф»* иборат буда, дар он унсурҳои ташкилдиҳандаи сохтори шеър: вазн, қофия ва радиф дар асоси донишу назарияҳои мавҷуд ва меъёрҳои шинохти марбут ба мавзуъ таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Боби чоруми рисола – **«Вижагиҳои забон ва воситаҳои баён дар навъи дубайтӣ»** зербобҳои *«Забон ва сабки дубайтӣ»* ва *«Истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар дубайтӣ»*-ро дар бар мегирад. Дар ин бахши рисола масъалаҳои истифодаи забон ва корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ: маҷоз, истиора, ташбеҳ, киноя ва ғайра дар матни дубайтиҳо таҳқиқ гардидаанд.

Мувофиқи нишондоди натиҷаҳои пажуҳиш масъалаҳои мубрами дар бобҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми диссертатсия матраҳшуда тибқи талаботи усулу равишҳои мухталифи илмӣ ба таври васеъ таҳлилу таҳқиқ гардиданд.

Дар радифи дастовардҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, чунончи:

1. Баъзе аз андешаҳои муаллиф дар шакли ҷумлаҳо ва тафаккурронии умумӣ баён гардидаанд, ки талаботи таҳлили илмиро қонеъ намегардонанд. Таваҷҷуҳ шавад ба қисмати "Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ", ки бо ду ҷумла чунин хулосагирӣ шудааст: "*Мавзуи таҳқиқи диссертатсия пажуҳиши бархе масъалаҳои ҷузъии дар барномаҳои куллии*

*илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиѐти ба номи Рӯдакии АМИТ барои солҳои 2020-2025 матраҳшударо дар бар мегирад. Бинобар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар такмили баъзе масъалаҳои муҳимми адабии марбут ба илми фолклоршиносӣ ва адабиѐтшиносӣ мусоидат менамоянд*" (рисола, саҳ. 8).

2. Хулосаи 3-юми рисолаи илмӣ ба бунёди илмӣ надоштани назари баъзе муҳаққикон роҷеъ ба масъалаи аз ҳавзаи адабиёти арабӣ, туркӣ ё чинӣ ба муҳити адабии форсии тоҷикӣ роҳ ёфтани рубоӣ ва дубайтӣ, ки дар рисола мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта буданд, ишора мешавад, вале муаллифи рисола далелҳои радди ин назарҳоро дар хулоса қайд накардааст (рисола, саҳ. 162).

3. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия "*Шинохти мафҳум ва моҳияти мавзуъ*" як навъ мулоҳиза ва таҳлили муаллиф дар боби мафҳум, мазмун, мавзуъ ва ҳадафи шеър аст, ки дар ҳаҷми 6 саҳифа иншо гардидааст (рисола, саҳ. 57-62). Ҳарчанд мухтавои ин қисмат аз лиҳози таҳлил илмӣ ва мантиқӣ анҷом шуда бошад ҳам, вале зарурат ба мавҷудияти он камтар ба назар расид.

4. Дар баъзе ҳолатҳо чунин ба назар мерасад, ки дар баргардони баъзе аз намунаҳои шеърӣ ба хато роҳ дода шудааст ва дар натиҷа вазни шеър ноқисӣ пайдо кардааст. Масалан, мисоли чунин иштибоҳот дар ҳар ду намунаи абёти Калими Кошонӣ, ки дар онҳо авзони мисраъҳо ба ҳамдигар баробар намеоянд, мушоҳида мешавад.

Бе синаи равшан рухи маънӣ нанамояд.
Оина ҳамин аст аруси суханро.

***

Мева об аз пӯст гирад ба бустони сухан,
Лафз агар шод аст, маънипарвар аст.

(рисола, саҳ. 61).

5. Дар баъзе мавридҳо номи муҳаққиқон мувофиқи меъёри ягона навишта нашудааст. Масалан: Сируси Шамисо, Шафеии Кадканӣ, А. Абдусаттор, Н. Хонларӣ ва монанди инҳо.

6. Дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Масалан, дар фишурда калимаи "Қаҳҳорович" ба шакли "Каҳҳорович" омадааст ва дар таъбири "форсии тоҷикӣ" бандаки изофӣ илова нашудааст (саҳ. 2). Дар рисола инчунин, дар навиштори баъзе калимаву иборахо ғалат афтодаст, ба мисли калимаҳои "чаҳормисрагӣ" (чаҳормисираагӣ, саҳ. 39), "Сомониён" (Соминиён, саҳ. 61), "резатарин эҳсос" (резтарин эҳсос, саҳ. 81) ва ибораи "шакли хурду зебо доштанаш" (шакли хурду зебову доштанаш...", саҳ. 87) ва мисли инҳо.

Қобили зикр аст, ки камбудиву навоқиси диссертатсия хусусияти ҷузъӣ дошта, диссертант дар чаҳор боби он ҷанбаҳои муҳим ва барҷастаи вижагиҳои жанри дубайтиро дар адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ бо фарогирии мисолҳои фаровон ва таҳлили онҳо дар сатҳи муносиби методологияи илмӣ ва бо забони фасеҳи илмӣ нишон додааст.

Хулоса, диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Бухориев Олим Салимович муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – фолклоршиносӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ

буда, диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илми филология, сарходими
илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти
Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии
ба номи Б. Искандарови АМИТ Охониёзов В.Д.
«15» август соли 2023

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВКМБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4
E - mail: shuwoz@mail.ru
Тел.: (+992) 93-593-16-93.

Имзои В.Д.Охониёзовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
илмҳои гуманитарии ба номи
Б. Искандарови АМИТ Шосафоева П.

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВКМБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4.
«15» август соли 2023